# ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи диссертатсионии Маҳмадалиев Эрач Шукурллоевич дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)», барои дарёфти дараҷаи номзади илми педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ пешниҳод гардидааст.

Системаи ислоҳоти маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди мактаб вазифаи тарбияи шахси озод, эҷодкор, маълумотнок, соҳиб фарҳанг ва фаъолро ба пеш мегузорад. Масъалаи ташаккули маҳорат ва рушди қобилияти омӯзгори оянда ҳамчун проблемаи муҳимми методикаи таълим дар замони муосир ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд истифодаи технологияи муосир самарабахш мебошад.

Омодакунии омӯзгори ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) бо истифода технологияҳои муосир барои имрӯзаи ҷумҳурӣ хеле мубрам мебошад, зеро шогирдони зиёди тайёркардаи ин омӯзгорон барои иҷрои масъалаҳои чоруми стратегии милии ҷумҳурӣ – саноатикунонии кишвар ҳиссагузор шуда метавонанд.

Унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки сатҳи омодагии омӯзгорони ояндаи фанни технология барои омӯзиши таълими конвергентӣ то дараҷаи зарурӣ инкишоф наёфтааст ва ӯ сабабҳои онро дар масъалаҳои зерин мебинад:

- ба таври кофӣ коркард нашудани методикаи ташаккули маҳорати эҷодии омӯзгорони ояндаи фанни технология зимни таълими конвергентӣ дар муассисаҳои таълимӣ;
- дар сатҳи лозимӣ нарасидани маводи методӣ доир ба супоришҳои эҷодию амалии таълими конвергентӣ дар ҷараёни таълим;
- истифодаи нопурраи имкониятҳои низоми таълими конвергентӣ барои ташаккули маҳорати эҷодӣ-техникии омӯзгорони ояндаи фанни

технология (таълими меҳнат) ва самаранок истифода набурдани онҳо дар раванди таълим;

- ҳангоми такомули маҳорати эҷодии омӯзгорони ояндаи фанни технология қобилиятҳои завқмандӣ, шавқу рағбати онҳо дар самти таълими конвергентӣ он қадар назаррас нест.

Ҳангоми таҳқиқот Маҳмадалиев Э.Ш. ба чунин хулоса меояд:

1. Малакаҳои мушоҳидакорӣ ва сарфаи вақт дар машғулиятҳои таълими конвергентии технологияи касбӣ ва технологияи иттилоотӣ бо истифода аз тахтаи электронӣ, донишҳои назариявии донишҷӯёнро такмил дода фаҳмишҳои мақсадноки мавзуъро оид ба технологияҳои муосир устувор мегардонад. Чунин усул метавонад, дарки фаъолияти таълимии донишҷӯёнро ба омӯзиш ва азхудкунии амалҳои махсуси техникӣ ҳангоми ҳосилкунии маҳсули эҷодӣ зиёд гардонад.
2. .Истифодаи самараноки методикаи таълими конвергентӣ бо дарназардошти таҷрибаҳои техникӣ ва мутобиқ ба барномаи таълимӣ боиси рушди фанни технология (таълими меҳнат) ва тафаккури умумии илмию эҷодии донишҷӯён мегардад.
3. Агар раванди машғулиятҳои технология (таълими меҳнат) бо усули таълими конвергентӣ ба роҳ монда шавад, худомӯзии донишҷӯён бештар такон меёбад.
4. Таълими конвергентӣ донишҷӯёнро ба хусусият ва сохти кори таҷҳизоти муосири худидоракунанда, пайдоиши маҳсулоти ҷадид аз наздик шинос намуда, мавқеъ ва аҳамияти муҳимми онро дар рушди саноатикунонии кишвар таъмин менамояд.
5. Бояд тазаккур дод, ки таълими конвергентии технологияи касбӣ ва технологияи иттилоотӣ қобилияти ихтироъкории донишҷӯён, фаҳиши ҷолибияти эҳёи хунарҳои мардумӣ ба воситаи технологияи пешрафта, дарки самаранокии дастгоҳҳои автоматӣ нисбат ба дастгоҳҳои механикиро бедор мекунад ва ғайра.

Аз рӯи мақолаҳои таълифнамудаи унвонҷӯ, ки 19 номгӯ иборат аст, аз ин 11 тоаш дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и ҷумҳурӣ эътироф гардида нашр шудааст, хулоса кардан мумкин аст, ки ҷиҳати ҳалли масъалаи таҳқиқшаванда унвонҷӯ кӯшиши зиёд намудааст.

Хулоса, рисолаи Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзуи "Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат)" - ро аз рӯи ҷиҳатҳои назарявӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намудан мумкин ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, академики Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон Лутфуллоев Маҳмадулло

*Имзои д. и. п., профессор, академики АТТ*
*М. Лутфуллоевро - ро тасдиқ менамоям.*
*Сардори шуъбаи кадрҳои АТТ* Саидова М.